باللغة الطاجيكية

# التوسط في الدين

# МИЁНАРАВӢ ДАР ДИН

# Мурод аз миёнаравӣ дар дин чист?

**Ҷавоб**: Миёнаравӣ дар дин ин аст, ки инсон набояд дар дин зиёдаравӣ кунад, ки аз ҳадде, ки Аллоҳ азза ва ҷалла муайян карда аст, гузарад ва на он қадар кутоҳӣ намояд, ки аз ҳадде, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло муайян карда аст, кутоҳӣ кунад.

Миёнаравӣ дар дин ин аст, ки инсон ба равиши Паёмбар ﷺ чанг бизанад ва ғулуву зиёдаравӣ дар дин ин аст, ки аз равиши Паёмбар ﷺ гузарад ва кутоҳӣ дар дин ин аст, ки ба равиши Ӯ ﷺ нарасад.

Мисоли он ин аст, ки марде бигӯяд: Ман мехоҳам ҳамаи шаб намоз хонам ва дар тамоми умри худ хоб накунам, зеро намоз беҳтарин ибодат аст ва ман дӯст медорам, ки тамоми шаб намоз хонам.

Мо мегӯем: Ин шахс дар дини Аллоҳ зиёдарав аст ва бар ҳақ нест ва дар ҳақиқат дар замони Паёмбар ﷺ чунин воқеъа рӯх дод, баъзе шахсон ҷамъ шуданд, пас баъзеи онҳо гуфт: Ман шабзиндадорӣ мекунам ва хоб намеравам ва дигаре гуфт: Ман рӯза медорам ва ифтор намекунам ва нафари сеюм гуфт: Ман бо занон издивоҷ намекунам. Гуфтаи инҳо ба Паёмбар ﷺ расид, пас алайҳис салоту ва салом фармуд: "**Мардумеро чӣ шудааст, ки чунон ва чунин мегӯянд? Ман рӯза мегирам ва ифтор мекунам,**

**шаб намоз мехонам ва мехобам ва бо занон издивоҷ мекунам, пас касе аз суннати Ман рӯй гардонад, ӯ аз Ман нест**"[1], пас инҳо дар дин ғулув карданд ва Паёмбар ﷺ аз онҳо безорӣ намуд, зеро онҳо аз суннати Ӯ ﷺ аст, ки дар он рӯза доштан ва хӯрдан, шаб намоз хондан ва хобидан ва издивоҷ бо занон аст, рӯй гардонданд.

Аммо кутоҳикунанда касе аст, ки мегӯяд: Ман ба нафл хондан мӯҳтоҷ нестам, пас ман нафл намехонам, танҳо фарзҳоро анҷом медиҳам ва шояд дар фарзҳоҳам кутоҳӣ кунад, пас ин шахс кутоҳкор аст.

Ва миёнарав касест, ки мувофиқи равиши Расулуллоҳ ﷺ ва халифаҳои роҳнамо ؓ роҳ меравад.

**Мисоли дигар**: Дар пеши се мард фосиқе аст, **яке аз онон мегӯяд**: Ман бо ин фосиқ салом намедиҳам, ӯро тарк мекунам ва аз ӯ дурӣ мекунам ва бо ӯ сухан намекунам.

**Марди дуввум мегӯяд**: Ман бо ин фосиқ рафтуомад мекунам ва ба ӯ салом медиҳам ва дар рӯи ӯ механдам ва ӯро ба назди худ даъват мекунам ва даъвати ӯро қабул мекунам ва ӯ дар назди ман марди накӯкор аст.

**Ва марди сеюм мегӯяд**: Ман ин фосиқро ба хотири фисқаш бад мебинам ва ба хотири имонаш дӯсташ медорам ва ӯро тарк намекунам, магар ки тарки ӯ сабаби ислоҳаш гардад ва агар тарки ӯ сабаби ислоҳаш нагардад, балки сабаби афзоиши фасодаш гардад, дар ин ҳолат ӯро тарк намекунам.

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Никоҳ, боби тарғиб дар никоҳ рақами (5063) ва Муслим, китоби Никоҳ, боби мустаҳаб будани никоҳ барои касе ба он рағбат дорад...рақами (1401).

Дар баёни аҳволи ин се шахс мегӯем: Якуми онҳо зиёдарав ва дуввуми онҳо кутоҳкор ва сеюми миёнарав ва мӯътадил аст.

Дар дигар ибодатҳо ва муомалоти мардум ҳамчунин мегӯем: Мардум дар он кутоҳкор, зиёдарав ва миёнарав аст.

**Мисоли сеюм**: Марде ки асири ҳамсараш аст, ҳар сӯ ки ҳамсараш хост, ӯро мебарад, ӯ ҳамсарашро на аз гуноҳ манъ мекунад ва на ба фазилат ташвиқ мекунад, бар ақли ӯ ғолиб омада ва болои мард сарпарастӣ мекунад.

Ва марди дигаре аст, ки бар ҳамсари худ сахтгир ва мутакаббир аст, ба ӯ ҳеҷ аҳамияте намедиҳад, гӯё дар назди ӯ камтар аз як хидматгор аст.

Ва марди сеюм, ки миёнарав аст, бо ҳамсари худ он тавр муомала мекунад, ки Аллоҳ ва расулаш фармудааст:

"**Ва барои занон ҳуқуқи шоистае аст ҳамонанди ҳуқуқе, ки бар уҳдаи онҳост**". (Сураи Бақара, ояти: 228)

"**Набояд як марди мӯъмин зани мӯъминаи худро бад бинад, агар як ахлоқи вай писандаш наёмад, аз ахлоқи дигараш розӣ хоҳад шуд**"[2].

Пас ин марди охир дар муомалаи ҳамсараш миёнарав ва марди якум зиёдарав ва марди дуввум кутоҳкор аст. Ва ба ҳамин тавр боқии амалҳо ва ибодатҳоро қиёс кунед [3]!

[2] Ривояти Муслим, китоби Разоъ, боби васият дар бораи занон, рақами (1469).
[3] Фатово аркон-ил-Исломи аллома шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ, саҳ: 29-32.